# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Публитсистика ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимми эҷод таърихи тӯлонӣ дошта, дар давоми мавҷудияти худ дар инъикоси воқеаҳои муҳими сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ ва ҳаёти маънавии ҷомеа нақши муассир бозидааст. Он ҳамчун воситаи таъсиргузор ба афкори ҷамъиятӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати иҷтимоии мардум дар ҳама давру замон аҳаммияти хос дошта, дар тарғибу ташвиқи арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ, сулҳу субот ва пешрафти ҷомеа саҳми назаррас мегузорад. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон публитсистикаи тоҷик ба марҳалаи нави рушд ворид гардида, доираи мавзуъ ва масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи он хеле васеъ шудааст. Дар ин давра масъалаҳои таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар ва ба хусус, раванди созандагиву бунёдкорӣ ва сохтмони иншооти азим дар маркази таваҷҷуҳи публитсистон қарор гирифтаанд.

Маҳз инъикоси амалҳои созандагиву бунёдкорӣ дар публитсистикаи тоҷик дар замони истиқлол вусъати тоза пайдо карда, як зумра адибону публитсистон ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Онҳо бо осори публитсистии худ дар бозтоби дастовардҳои даврони истиқлол, тарғиби ғояҳои созандагӣ ва нишон додани нақши меҳнати бунёдкоронаи инсон дар рушди кишвар саҳми назаррас гузоштаанд. Дар ин замина метавон фаъолияти публитсистии Бахтиёри Муртазо, Раҷабалӣ Аҳмад, Ҷамолиддин Тошматов, Ҳанифаи Муҳаммадохир, Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ, Шералӣ Мӯсо ва дигаронро зикр намуд.

Дар ин миён фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо аҳаммияти хос дорад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили осори публитсистии Шералӣ Мӯсо, махсусан, асарҳои марбут ба инъикоси сохтмони иншооти азим барои муайян намудани хусусиятҳои публитсистикаи тоҷик дар даврони истиқлол аҳаммияти муҳим дорад. Таҳқиқи осори публитсистии Шералӣ Мӯсо дар заминаи инъикоси корҳои азими бунёдкорӣ метавонад саҳифаҳои навро дар омӯзиши публитсистикаи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ боз намуда, хусусиятҳои муҳтавоию ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ин навъи осорро муайян созад. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» аз ҷониби Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода мубрам, саривақтӣ ва дорои аҳаммияти илмӣ мебошад.

Аз омӯзиши автореферат бармеояд, ки муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот тибқи талаботи муқарраршуда барои корҳои диссертатсионӣ таҳия гардидааст. Дар он мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ ва дигар ҷузъиёти зарурии таҳқиқ ба таври мушаххас баён шудаанд. Муаллиф барои расидан ба мақсади асосии таҳқиқ ҳашт вазифаро муайян намудааст. Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал публитсистикаи марбут ба сохтмони иншооти азими даврони соҳибистиқлолии кишвар дар мисоли эҷодиёти Шералӣ Мӯсо ба таври муназзам ва фарогир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия – «Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо дар контексти ҳаёти сиёсиву иҷтимоии замон» аз ду фасл иборат буда, ба омӯзиши заминаҳои ташаккули шахсияти эҷодӣ ва самтҳои асосии фаъолияти адабию публитсистии мавсуф бахшида шудааст.

Дар фасли якуми боби мазкур – «Таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва адабии замон дар ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо» диссертант кӯшиш намудааст, ки марҳала ба марҳала масъалаҳои марбут ба таҳсил, таъсири муҳити оила ва мактаб, омилҳои касбӣ ва дигар заминаҳои ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсоро мавриди омӯзиш қарор дода, раванди ташаккули шахсияти публитсистии ӯро барои хонанда равшан намояд.

Дар фасли дуюми боби якум – «Таснифи самтҳои асосии фаъолияти эҷодии адиб» фаъолияти рӯзноманигорӣ, публитсистӣ ва нависандагии Шералӣ Мӯсо дар иртибот ба марҳалаҳои гуногуни фаъолияти эҷодии ӯ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар ин фасл хусусиятҳои асосии эҷодиёти адибро муайян намуда, мавқеъ ва аҳаммияти фаъолияти ӯро дар рушди журналистика, публитсистика ва адабиёти тоҷик нишон додааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили мундариҷавии осори публитсистии Шералӣ Мӯсо доир ба сохтмонҳои азим» низ аз ду фасл иборат буда, ба таҳлили осори публитсистии адиб дар мавзуи сохтмони иншооти бузург бахшида шудааст.

Дар фасли якуми ин боб – «Масъалаи бунёди роҳу нақбҳо» масъалаҳои марбут ба сохтмони роҳҳо ва нақбҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Диссертант, пеш аз ҳама, ба асари «Мардистон» таваҷҷуҳ намуда, хусусиятҳои ин асарро дар заминаи бозтоби сохтмони нақбҳои «Шаҳристон» ва «Чормағзак» матраҳ намудааст.

Фасли дуюми боби дуюм – «Мавзуи сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ» ба инъикоси сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ, ба хусус, НБО-и «Роғун» бахшида шудааст. Мусаллам аст, ки Шералӣ Мӯсо яке аз публитсистони сермаҳсул дар

бозтоби раванди сохтмони НБО-и «Роғун» ба ҳисоб рафта, доир ба ин мавзуъ асарҳои зиёде бахшидааст. Диссертант дар ин фасл очеркҳои публитсистии адибро, ки ба сохтмони НБО-и «Роғун» бахшида шудаанд, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия – «Таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои Шералӣ Мӯсо» низ аз ду фасл иборат буда, ба баррасии хусусиятҳои публитсистӣ, бадеӣ ва жанрии осори адиб бахшида шудааст.

Дар фасли якум – «Ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии адиб» осори алоҳидаи Шералӣ Мӯсо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Диссертант осори адибро ба ду гурӯҳи асосӣ – ҳаҷвияҳо ва насри бадеӣ ҷудо намуда, ҳар як гурӯҳро бо истифода аз воқеияти замон ва масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷомеа таҳлил кардааст. Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба осори ҳаҷвии адиб низ қобили зикр мебошад.

Дар фасли дуюми боби сеюм – «Аносири ҳунарӣ ва жанрӣ дар осори марбут ба бунёдкориҳо» масъалаи истифодаи қолабҳои жанрӣ ва воситаҳои муассирсозӣ дар осори публитсистии адиб баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, асарҳои «Ситораи Роғун», «Ошёни уқобон», «Достони Роғун», «Мардистон», «Ҷонам фидои Роғун», «Роҳи биҳишт» ва амсоли инҳо таҳлил шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ба таври муназзам ва асоснок ҷамъбаст гардидаанд. Муаллиф аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар 14 банди алоҳида баён намуда, натиҷаҳои асосии илмии бадастомадаро ҷамъбаст кардааст.

Дар маҷмуъ, баррасии бобҳо ва фаслҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф мавзуи интихобкардаашро аз паҳлуҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор дода, кӯшиш намудааст, ки нақши Шералӣ Мӯсо дар бозтоби корҳои созандагиву бунёдкорӣ ва рушди публитсистикаи тоҷикро муайян намояд. Сохтори мантиқии таҳқиқ, интихоби маводди мувофиқ ва истифодаи усулҳои гуногуни таҳлил барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда заминаи муносиб фароҳам овардааст.

Дар маҷмуъ, аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф дар заминаи таҳлили осори мавриди назар кӯшиш кардааст, ки ҷойгоҳ ва саҳми Шералӣ Мӯсоро дар рушди публитсистикаи тоҷик ва инъикоси раванди бунёдкории даврони соҳибистиқлолӣ муайян намояд.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда, дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Боби якуми диссертатсия бештар хусусияти тарҷумаҳолӣ ва тавсифӣ дошта, дар он баъзе масъалаҳо асосан дар шакли пешниҳоди маълумоти биографӣ ва шарҳи фаъолияти эҷодии адиб баён гардидаанд. Ба назари мо, агар дар ин боб паҳлуҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ ва ҳунари нигорандагии Шералӣ Мӯсо

бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифтанд, арзиши илмӣ ва таҳлилии ин қисми диссертатсия боз ҳам боло мерафт.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ, аз ҷумла, дар саҳифаҳои 8, 21 ва 22 ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда асосан хусусияти ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мазмуну муҳтавои автореферат, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ва интишороти илмии муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертант дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» заҳмати зиёд ба харҷ додааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ,
сармуҳаррири маҷаллаи
«Маорифи Тоҷикистон»
«_10_» _08_ соли 2026 Нурализода Н. И.

Нишонӣ: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Анзоб-106Б
Тел.: (+992) 93-849-05-05
E-mail: noilsho@mail.ru

Имзои Нурализода Н. И.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси кадрҳо ва коргузории
маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» Забирова М. Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126
Тел.: (+992) 93-849-05-05
E-mail: maorif@mtojikiston.tj
«_10_» _08_ соли 2026